# ШУЪБАИ ИЛМ, ТАЪЛИМ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ ИЛМӢ

## ҲАЙАТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА



**Раҷматуллоев Шералӣ**
мудири шуъба



**Амирова Гулру**
Лаборанти калон



**Қурбонова Хадича**
Ходими илмӣ



**Тоҷова Тахмина**
мутахассис .

### АЗ ТАЪРИХИ
### ШУЪБАИ ИЛМ, ТАЪЛИМ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ ИЛМӢ

Шуъбаи илмӣ-техникӣ ва иттилоотӣ баробари ташкил шудани Институт, дар соли 1930 ташкил карда шудааст, ки дар шуъба корҳо доир ба рӯйхат гирифтани шумораи кормандони илмӣ, номзадҳо ва доктороні илмӣ, тайёр намудани аспирантон ва унвонҷӯён, ҷамъ овардан ва барои чоп омода намудани китобу мақолаҳо дастовардҳои илмии олимони институт ва ғайраҳоро дар бар мегирифт, фаъолият дошт.

Дар ин давра аз тарафи шуъба 45 нафар аспирантон ва 16 нафар унвонҷуён тайёр карда шуда, аз он ҷумла 24 нафар аспирантон ва увонҷӯён хатм намуда, унвони номзади илмӣ ва 7 нафар рисолаҳои доктори илмҳои кишоварзиро ҳимоя намуда, сазовори диплом гардиданд.

Дар ин давра мудирони шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти чорводорӣ ва чарогоҳ Вафгат Ғафуров., Галина Абдувоҳидовна., Икромов Фазлиддин Маҳмазоитович., Қурбонова Хатичамо., Сафаров Хуршед., Маҷид Салим., Отаева Муяссара., Иргашев Даврон ва ҳоло Раҳматуллоев Шералӣ кор ва фаолият намуданд.

Аз моҳи сентябри соли 2015 сохтори Институт дигар шуда, дар шуъбаҳо тағйиру иловаҳо дохил карда шуданд. Шуъбаи илмӣ - техникӣ ва иттилоотӣ, ки то соли 2015 фаъолият дошт, ба Шуъбаи иттилоот, таълим ва машваратҳои илмӣ табдил дода шуд. Дар ин давра 18 нафар ба магистратура дохил шуда, 14 нафар соҳиби дипломи магистр гардиданд.

Дар институт 4 нафар докторантҳо – н.и.к. Раҷабов Н.А., н.и.к. Бозоров Ш., н.и.к. Шамсов Э.С. ва н.и.к. Улуғов О. корҳои илмию таҳқиқотиро доир ба иҷрои рисолаҳои доктории худ ба анҷом расонида истодаанд.

Инчунин дар ин давра кормандони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи АИКТ, д.и.к. Шарипов А. узви пайвастаи Академияи илмҳои табиатшиносии Федератсияи Русия ва д.и.к. Рузиев Т.Б. узви вобастаи ҳамин академия гардидаанд.

Моҳи сентябри соли 2020 ин шуъба ба ду бахш - Шуъбаи иттилоот, машварат ва татбиқи дастовардҳои илмӣ ва Шуъбаи илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ, ҷудо шуда, ба ҷои аспирантура, курсҳои доктор PhD, магистратура ва унвонҷӯён ташкил карда шуданд.

### ЧАРАЁНИ КОРХОИ ИЛМӢ-ТАДКИКОТӢ









### ШИРКАТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА ДАР ШАНБЕГӢ





### ФАЪОЛИЯТИ КОРМАНДОНИ ШУЪБА ДАР ОМОДА КАРДАНИ КАДРҲОИ ИЛМӢ

Имрӯзҳо ба илм ҷалб намудани ҷавонон ба ҳукми анъана даромадааст,зеро баъди хатми донишгоҳҳо, барои тайёр кардани кадрҳои илмӣ - магистратура ва баъд аз хатми магистратура, тайёр намудани онҳо ба имтиҳонҳои дохилшавӣ ба курси докторантура (доктор PhD) ҳатмӣ мебошад.

Инчунин, назорат аз рӯи корҳои илмию таҳқиқотии доктор PhD, магистрҳо ва унвонҷӯён, иштироки онҳо дар дарсҳои интихобӣ ва тахассусӣ, гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, педагогӣ ва аз натиҷаи корҳои таҷрибаомӯзӣ пешниҳод намудани ҳисоботҳо, супоридани имтиҳонҳо дар давраи ду - се соли таҳсил ва ёрии амалӣ доир ба тайёр намудани рисолаҳои номзадии онҳо, талаботи замон мебошад.

Ҳоло дар шуъба ҳамагӣ 11 нафар доктор PhD, аз он ҷумла, дар курси якуми доктор PhD – 1 нафар солҳои таҳсил 2022-2025, курси дуюм – 3 нафар солҳои таҳсил 2021-2024, курси 3-ум 4-нафар соли таҳсил 2020-2023 ва дар магистратураи курси сеюм – 3 нафар соли таҳсил 2021-2023 таҳсил менамоянд.

Соли ҷорӣ ду нафар Бобозода О., Ғиёсов Н. рисолаи номзадии худро дифоъ намуда, сазовари дипломи номзади илми кишоварзӣ гардиданд ва ду нафар унвонҷӯён Расулова Парвина, Қурбонова Гулнора ва Иброҳимов Абдурасул ҳимояи пешакии рисолаи номзадиро гузаштанд. Инчунин дар институт 14 нафар увонҷӯён корҳои илмию таҳқиқотиро иҷро менамоянд.